**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Насриддинзода Э.С. __________
аз «_20_» ___02___ соли 2026

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи номзадии Зокирзода Нодира Иномҷон дар мавзуи «Рушди судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат) дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

Зокирзода Нодира Иномҷон зимни омода намудани диссертатсия докторанти доктори фалсафа (PhD)-и кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Зокирзода Нодира Иномҷон аз соли 2015 то соли 2019 дар шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯи барномаи бакалавриат таҳсил намуда, соли 2019 таҳсилро дар шуъбаи магистратураи факултети ҳуқуқшиносӣ идома дода, соли 2021 онро бомуваффақият хатм намудааст.

Бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 5 ноябри соли 2021, таҳти № 444-05 ба ҳайси докторанти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ аз рӯи ихтисоси доктори фалсафа (PhD), аз рӯи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат) қабул шуда, онро бо фармоиши ректори Донишгоҳ аз 9 августи соли 2024, № 284-05 бо супоридани имтиҳони давлатӣ хатм кардааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2021 бо номи «Рушди судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» тасдиқ гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Мирализода Исфандиёр Қарахон – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 18.02.2026 сол муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо, ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи Зокирзода Нодира Иномҷон дар мавзуи «Рушди судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ», чунин хулоса қабул карда шуд:

**1. Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатияи Зокирзода Нодира Иномҷон дар мавзуи «Рушди судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – 6D030100 – ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода шуда, ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия мутобиқат мекунад.

**2. Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ**. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи барномаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии инкишофи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар партави равандҳои ҷаҳонишавӣ» омода ва иҷро гардидааст.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаи илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 8 адад мақолаҳои илмӣ, ки муҳтавояшон дар рисолаи диссертатсионии мазкур инъикос ёфтааст, нашр шудаанд, ки аз ин шумора 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд ва пурра мазмуни корро инъикос менамоянд. Мақолаҳои нашргардида фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**3. Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дорои арзишҳои илмӣ ва амалӣ буда, хулоса ва натиҷаҳои зимни таҳқиқот бадастомада, метавонанд барои такмили қонунгузории ин соҳа ва дарки амиқи фаъолияти минбаъда ва мавқеи судҳои иқтисодӣ дар низоми судӣ муосидат намоянд. Нуктаҳои илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳои дар рисолаи илмӣ манзуршуда, метавонанд ба тақвияти фаъолияти судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон мусоидат намуда, сатҳи самаранокии низоми судиро доир ба масоили иқтисодӣ баланд бардоранд. Ҳамзамон, дар таҳияву таҷдиди қонунгузории соҳаи ҳокимияти судӣ, омодасозии стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, рушди василаҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон тавассути барқарорсозии адолати судӣ, саҳмгузор бошанд. Инчунин, натиҷаҳои рисола метавонанд, ҳамчун маводи таълимӣ дар накшаҳои таълимии муассисаҳои илмии соҳаи ҳуқуқ ворид карда шуда, мавриди истифода қарор гиранд. Таҳлили марҳилавии инкишофи судҳои иқтисодӣ ба донишҷӯён имконияти дарки дурусти рушди низоми судии иқтисодиро фароҳам оварда, ҳамчун замина барои таҳқиқҳои минбаъдаи илмӣ дар самти ҳуқуқ ва ҳангоми навиштани корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм, рисолаҳои магистрӣ ва рефератҳо арзёбӣ мегарданд.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ**. Диссертатияи Зокирзода Нодира Иномҷон дар мавзуи «Рушди судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат) мубрам ба ҳисоб рафта, барои рушди илми ҳуқуқшиносии муқоисавӣ ва назарияи давлат ва ҳуқуқ аҳаммияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ дорад.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки он аввалин рисолаи мукаммал оид ба масъалагузории илмӣ, мавриди таҳлил қарор додани асосҳои амаливу назариявӣ ва заминаҳои меъёрии ҳуқуқии фаъолияти судҳои иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди иқтисодии ИДМ ва судҳои иқтисодии давлатҳои аъзои он, инчунин ба роҳ мондани воситаҳои ҳаллу такмили онҳо иборат мебошад. Докторант мустақилона таҳлили васеи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии марбутаи кишварҳои ИДМ-ро анҷом дода, таҷрибаи амалии судҳои иқтисодиро омӯхтааст. Дар асоси ин таҳлилҳо, пешниҳодҳои мушаххас ҷиҳати беҳтарсозии заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти судҳои иқтисодӣ ва мутобиқсозии он бо стандартҳои муосири байналмилалӣ таҳия карда шудаанд. Нуктаҳои асосии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод карда

мешаванд, навгонии рисолаи илмӣ ва натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузошташударо инъикос менамоянд. Аз ҷумла:

1. Муҳаққиқ рушди судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистонро таҳлил намуда, роҳҳои рушди судҳои иқтисодӣ ва фаъолияти онро дар давраи тошуравӣ, шуравӣ ва муосир ба марҳилаҳо ҷудо намудааст. Муаллиф ишора менамояд, ки давраи таҳаввулоти судҳои салоҳияти махсус аз давлати Ҳахоманишиҳо то сулолаи Манғитҳо оғоз ёфта, маҳз дар давраи мазкур институти тиҷоратӣ ва судҳо таъсис ёфта, баҳсҳои байни соҳибкорон ва савдогарон бо барқарор намудани адолат ҳал карда мешуд. Ҳамзамон, марҳилаи шуравиро ба фаъолияти давлатии комиссияи арбитражӣ бештар муносиб донистааст. Бори аввал дар Тоҷикистон комиссияи арбитражӣ соли 1926 таъсис ёфтааст ва бо қабули Конститутсияи соли 1977 робита дошта, ба ҳамин асос ба институти арбитражӣ вазъи конститутсионӣ-ҳуқуқӣ дода шудааст. Дар марҳилаи муосир тартиби таъсис ва фаъолияти судҳои иқтисодиро дар Тоҷикистони соҳибистиқлол дар назар дошта, фаъолияти пурсамари ҳокимияти судиро арзёбӣ намудааст.

2. Диссертант низоми судҳои салоҳияти махсусро ҳамчун институти махсусгардонидашудаи ҳокимияти судӣ шарҳ дода, ташаккулёбии онро дар марҳилаи гузариш ба иқтисоди бозаргонӣ, охири солҳои 90-уми асри XX, хос донистааст. Низоми ҳокимияти судӣ зимни ислоҳоти судии Тоҷикистон, ки дар солҳои 1990 гузаронида шуда буд, куллан дигаргун гардида, мавқеъ ва аҳамияти онро дар низоми кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон ба таври назаррас тағйир дод, ки дар натиҷаи ин дигаргунӣ принсипи таҷзияи ҳокимият ва эътирофи ҳокимияти судӣ ҳамчун шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ, тасдиқ гардид. Ҷойгоҳи халқи тоҷикро дар ташаккули арзишҳои ҳуқуқи инсон баланд баҳогузорӣ намуда, махсусияти инкишофёбии онро муайян кардааст. Аз нигоҳи пажӯҳишгар, халқи тоҷик ҳамчун бардорандаи бори амонати фарҳанги вижа ва оламшумули таърихӣ, ки ба башар озодӣ ва адолатро дар шаклҳои намуна пешниҳод кардааст, дар зиёд аз масъалаҳои назарӣ ва амалии ҳуқуқи инсон дар саргаҳи шинохти ғояи ҳуқуқи инсон қарор доштааст, ки шинохт, эълон ва эътирофи он вазифаи илми таърихи ҳуқуқи инсон аст.

3. Бояд ишора намуд, ки муҳаққиқ баҳри гузаронидани таҳлили муқоисавии низоми судҳои иқтисодии давлатҳои аъзои ИДМ бисёр талош намуда, нишон додааст, ки Тоҷикистон дар ташаккули қонунгузории мурофиавӣ ва дар рушди судҳои иқтисодӣ ба комёбиҳои назаррас ноил гардидааст. Ҳамзамон, таҷрибаҳои кишварҳои алоҳидаи ИДМ бартариятҳои муайянро дар самти рақамисозии мурофиаи судӣ, истифодаи воситаҳои электронии баррасии парвандаҳо ва такмили расмиёти мурофиавӣ инъикос менамояд. Ҷорӣ намудани чунин маханизмҳо ба самаранокӣ, шаффофият ва дастрасии адолати судӣ

мусоидат мекунад. Илова бар ин, таваҷҷуҳи ҷиддӣ ба рушди сатҳи касбии судяҳо ва такмили ихтисоси онҳо дар кишварҳои ИДМ омили муҳимми малакаи касбии баррасии баҳсҳои иқтисодӣ маҳсуб меёбад.

4. Ҳамзамон, муаллиф ба равандҳои муосири ҷаҳонишавӣ рӯ оварда, чунин пешниҳод кардааст, ки ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисоди байналмилалӣ, зарурати такмили минбаъдаи ҳокимияти судӣ, бахусус судҳои иқтисодӣ, аҳаммияти хосса пайдо мекунанд. Тағйирёбии муносибатҳои иқтисодӣ ва афзоиши мураккабии баҳсҳои хоҷагидорӣ талаб менамояд, ки фаъолияти судҳо ба шароити нав мутобиқ карда шавад. Идомаи ислоҳоти судӣ дар самти судҳои иқтисодӣ ҳамчун раванди объективӣ арзёбӣ гардида, самаранокии ҳимояи ҳуқуқҳои иқтисодӣ ба сатҳи ташкили мурофиаи судӣ вобастагӣ дорад. Аз ин лиҳоз, мутобиқсозии фаъолияти судҳои иқтисодӣ ба стандартҳои байналмилалӣ ба таҳкими мавқеи судҳои иқтисодӣ дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ мусоидат намуда, дар фазои байналмилалӣ аз боэътимодии фаъолияти он дарак медиҳад.

Диссертатсияи Зокирзода Нодира Иномҷон дар мавзуи «Рушди судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ: таҳлили муоқисавӣ-ҳуқуқӣ» ба ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои 31, 33, 34 ва 35 тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493 тасдиқ шудааст, барои дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат) мутобиқ мебошад.

Сохтори диссертатсияи Зокирзода Н.И. аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, панҷ зербоб, хулоса, тавсияҳо, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаб иборат мебошад.

Нуктаҳо ва хулосаҳои диссертатсия бо далелҳои таҳлили амиқи мавзуъ, адабиёти илмии ҳуқуқӣ, санадҳои байналмилалии самти судии дар доираи ИДМ қабулшуда асоснок карда шудаанд, ки онҳо дорои аҳаммияти илмӣ ва амалӣ мебошанд.

Вобаста ба мавзуи диссертатсия докторант дар маҷмуъ 9 адад мақолаҳои илмӣ ба табъ расонидааст, ки аз онҳо 4 ададаш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд ва пурра мазмуни корро инъикос менамоянд.

## 1. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

[1-М] Зокирова, Н.И. Ташкилёбӣ ва марҳилаҳои асосии инкишофи судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистони то замони истиқлолияти давлатӣ [Матн] / Н.И. Зокирова // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. Маҷаллаи илмӣ-амалӣ. – 2022. – № 3 (27). – С. 24-38; ISSN 2414 9217.

[2-М] Зокирова, Н.И. Низоми муосири судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон: заминаҳои ҳуқуқии таъсис ва фаъолияти он [Матн] / Н.И. Зокирова // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. Маҷаллаи илмӣ-амалӣ. – 2022. – № 4 (28). – С. 54-61; ISSN 2414 9217.

[3-М] Зокирова, Н.И. Низоми судҳои иқтисодӣ ва мавқеи онҳо дар низоми судӣ [Матн] / Н.И. Зокирова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. – № 3. – С. 252-258; ISSN 2413-5151.

[4-М] Зокирова, Н.И. Вазъи суди иқтисодии ИДМ дар таъмини рушди муносибатҳои байнидавлатӣ [Матн] / Н.И. Зокирова // Маҷаллаи Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2025. –№ 6. – С. 246-252; ISSN 2413-5151.

## II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:

[5-М] Зокирова, Н.И. Суди Олии иқтисодӣ дар низоми судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Н.И. Зокирова // Маводи Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба рӯзи қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон 9 декабри соли 2022 зери унвони «Ҳуқуқи инсон: дирӯз ва имрӯз». – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2022. – С. 323-327.

[6-М] Зокирова, Н.И. Ташаккул ва инкишофи судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон [Матн] / Н.И. Зокирова // Маводи Конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ бахшида ба рӯзи ҳуқуқи инсон: «Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон» аз 5 декабри соли 2023. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2023. – С. 605-609.

[7-М] Зокирова, Н.И. Ҳокимияти судӣ дар низоми тақсимоти ҳокимияти давлатӣ [Матн] / Н.И. Зокирова // Конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ бахшида ба Рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон, 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон шудани соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон»: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ" аз 6 декабри соли 2024. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2024.

[8-М] Зокирзода, Н.И. Мавқеъ, вазифа ва ваколатҳои судҳои иқтисодӣ дар низоми судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Н.И. Зокирзода // Конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ бахшида ба таҷлили Рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон, 80-умин солгарди таъсисёбии СММ, эълон гардидани солҳои

2025-2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» ва қабул гардидани қатъномаи СММ зери унвони «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ» аз 5 декабри соли 2025. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2025. – С. 721-727.

Дар маҷмӯъ, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии доктори фалсафа (PhD) Зокирзода Нодира Иномҷон аз ҷониби кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пажӯҳиши анҷомёфта дониста шуда,

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

**1.** Диссертатсияи Зокирзода Нодира Иномҷон дар мавзуи «Рушди судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» таҳқиқоти илмӣ, таърихӣ ва назариявӣ ба ҳисоб рафта, ба талаботи пешбинигардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

**2.** Диссертатсияи Зокирзода Нодира Иномҷон дар мавзуи «Рушди судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат) барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 18-уми феврали соли 2026, № 7 қабул карда шуд.

Дар ҷаласа иштирок дошатнд: ҳамагӣ 21 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 21 нафар; «зид» – нест; «бетараф» – нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва
ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ — Шоев Ф.М.

**Котиби ҷаласа:**
лаборанти кафедра — Азизов С.С.

Имзои Шоев Ф.М. ва Азизов С.С. -ро
тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ — Шодихонзода Э.Ш.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН * TAJIK NATIONAL UNIVERSITY * УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ

«20» 02 2026с.